**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**

Ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», профессор,

Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат

_______________________

“___” ______________ соли 2024

**ХУЛОСАИ**

**Муассисаи давлатии таълимии**

**«Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»**

ба диссертатсияи Зоирзода Холмурод Сафаралӣ дар мавзуи «Баррасии маъноӣ ва сохтории вомвожаҳои осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ (дар мисоли «Футувватномаи султонӣ», «Ахлоқи муҳсинӣ», «Рисолаи ҳотамия»)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) пешниҳод шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» омода гардидааст.

Муаллифи диссертатсия омӯзгор, ҳамзамон унвонҷӯи кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» мебошад.

Мавсуф соли 2010 Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав (ҳозира Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»)-ро аз рӯйи ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст. Аз соли 2020 ба ҳайси омӯзгор ва унвонҷӯи кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» фаъолият менамояд.

Мавзуи диссертатсияи Зоирзода Холмурод Сафаралӣ дар ҷаласаи Шурои олимони Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” аз 29.09.2020, суратмаҷлиси № 2 тасдиқ гардидааст.

Роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ҳомидов Дилмурод Раҷабович мебошад.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз фанни таърих ва фалсафаи илм 29.06.2022 бо баҳои «аъло», забони хориҷӣ (англисӣ) 15.02.2024 бо баҳои «хуб» аз тарафи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва имтиҳони ихтисос – забони тоҷикӣ (аз рӯйи ихтисоси 10.02.01) аз 13.05.2024 бо баҳои «аъло» аз тарафи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба ӯ дода шудааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Диссертатсия ба таҳқиқи вижагиҳои маъноӣ ва сохтории вомвожаҳои осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ (дар мисоли «Футувватномаи султонӣ», «Ахлоқи муҳсинӣ», «Рисолаи ҳотамия») бахшида шуда, дар сатҳи хуби илмӣ-назариявӣ таълиф ёфтааст. Бояд зикр кард, ки дар диссертатсия бори нахуст вомвожаҳои арабӣ ва ғайриарабии осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ ба таври нисбатан мукаммал ҷамъоварӣ ва тасниф гардида, мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода шудаанд.

Бояд қайд кард, ки роҷеъ ба осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва вижагиҳои луғавии онҳо солҳои охир аз тарафи адабпажӯҳону забоншиносони тоҷик, аз ҷумла Қурбон Восеъ, Саъдуллозода Умед ва дигарон якчанд мақолаву рисолаи илмӣ таълиф ёфтаанд, ки ин ба омӯзиши хусусиятҳои забонии осори ин адиб мусоидат мекунад. Диссертант бо такя ба ҳамин таҳқиқоти рӯйикоромада дар таълифоти илмии худ дараҷаи корбурди вомвожаҳо, вижагиҳои луғавӣ ва сохтории онҳоро дар осори насрии Кошифӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боби асосӣ бо дарбаргирии фаслу зерфаслҳои мувофиқ, хулоса, номгӯи сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ мустақилона дар асоси таҳлили ҳаматарафаи сарчашмаҳо ва маъхазҳои илмию таърихии марбут ба вижагиҳои маъноӣ ва сохтории вомвожаҳои осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ (дар мисоли «Футувватномаи султонӣ», «Ахлоқи муҳсинӣ», «Рисолаи ҳотамия») сурат гирифта, мундариҷаи он  ба талаботи  таҳқиқоти соҳавӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) мувофиқат мекунад.

**Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқоти мазкур** ба таври мукаммалу муфассал таҳқиқу баррасӣ намудани вижагиҳои луғавӣ ва сохтории вомвожаҳои осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ (дар мисоли «Футувватномаи султонӣ», «Ахлоқи муҳсинӣ», «Рисолаи ҳотамия») мебошад. Муаллифи диссертатсия барои расидан ба ин ҳадаф саъй намудааст, ки бо такя ба манобеи гуногуни илмию адабӣ вомвожаҳои осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифиро муайян карда, дар бораи вижагиҳои луғавӣ ва мавқеи корбурди онҳо дар осори насрии адиб маълумоти илман асоснок пешниҳод намояд.

**Диссертант ҳалли масъалаҳои зерин**: муайян кардани дараҷаи корбурди муродифоти вомвожаҳои арабӣ ва ғайриарабӣ дар осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ, муайян кардани дараҷаи корбурди антонимҳои вомвожаҳои арабӣ ва ғайриарабӣ дар осори нависанда, нишон додани мавқеи вижагиҳои услубии адиб дар анъанапардозиву навоварӣ дар истифодаи вомвожаҳои арабӣ ва ғайриарабӣ, муайян кардани нақши Ҳусайн Воизи Кошифӣ тавассути эҷоди осори насрии гаронбаҳояш дар рушди насри бадеӣ ва илмии забони адабии тоҷики ибтидои асри XVI, нишон додани дараҷа ва мавридҳои корбасти қолибҳои вомвожаҳои арабӣ дар осори насрии  Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва як зумра масоили дигарро дар меҳвари таҳқиқоти худ қарор дода, аз уҳдаи ҳалли ин масоил ба хубӣ баромадааст.

**Арзиши назариявии таҳқиқот** дар он аст, ки натиҷаҳои бадастовардаи муаллифро метавон зимни омӯзишу пажӯҳиши масъалаҳои камомӯхтаи таърихи забони адабии тоҷик, махсусан дар охири асри XV ва ибтидои қарни XVI мавриди истифода қарор дода, илова бар ин, вожаҳои махсус эҷоднамудаи адибро дар фарҳангномаҳо чун мавод ба кор бурдан мувофиқи мақсаду матлаб хоҳад буд. Аз ин рӯ, таҳлилу таҳқиқи масъалаи мавриди назар дар забоншиносии имрӯзаи тоҷик дорои аҳаммият мебошад.

**Арзиши амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки маводи диссертатасияро метавон барои тартиб ва тадвини луғати соҳавии марбут ба вожашиносии таърихӣ, таърихи забони адабии тоҷик дар асрҳои XV-XVI истифода намуд. Маводи диссертатсия ва мақолаҳои чопшуда барои дарсҳои амалию назариявии фанҳои таърихи забони адабии тоҷик ва таърихи он дорои аҳамияти илмию амалӣ мебошад. Ҳамчунин, хулосаҳои илмии диссертатсия метавонанд барои таҳияи барномаҳои таълимии вожашиносии забони тоҷикӣ, китобҳои дарсии марбут ба фанни луғатшиносии забони тоҷикӣ ва масоили вомгириву вомдиҳии забонҳо ба воситаи осори бадеӣ истифода шаванд. Инчунин донишҷӯёни факултети филологияи тоҷик метавонанд ҳангоми навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳои хатми бакалавриат ва магистрӣ аз диссертатсия ба таври васеъ истифода намоянд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқ** аз он иборат аст, ки то кунун дар забоншиносии тоҷик доир ба вижагиҳои луғавию сарфии вомвожаҳои арабию ғайриарабии осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ таҳқиқоти илмии алоҳида ба вуҷуд наомадааст. Дар диссертатсия бори нахуст вомвожаҳои арабӣ ва ғайриарабии осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ (дар мисоли «Футувватномаи султонӣ», «Ахлоқи муҳсинӣ», «Рисолаи ҳотамия») ба таври нисбатан мукаммал ҷамъоварӣ ва тасниф гардида, мақому ҷойгоҳи онҳо аз нигоҳи сохтор, маъно ва қолибҳо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи забони тоҷикии МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» иҷро гардидааст.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия қонеъкунанда буда, нуктаҳои асосии он дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, донишгоҳӣ ва семинарҳои илмию методии МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» гузориш ёфтаанд.

Муҳимтарин нукоти диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтаанд:

**I. Маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1. М]. Зоиров Х. Вомвожаҳои арабии муқобилмаъно дар осори мансури Ҳусайн Воизи Кошифӣ / Х. Зоиров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ). Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2021. – №1/1 (83). – С. 77-81.

[2. М]. Зоиров Х. Вомвожаҳои ҳамрешаи арабӣ дар «Ахлоқи мухсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ / Х. Зоиров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ). Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2022. – №1/3 (101). – С. 95-101.

[3. М]. Зоиров Х. Воҳидҳои фразеологӣ бо ҷузъи арабӣ дар осори мансури Ҳусайн Воизи Кошифӣ / Х. Зоиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2023. – №6. – С. 43-49.

[4. М]. Зоиров Х. Вомвожаҳои осори насрии Кошифӣ ва вижагиҳои сохтории онҳо / Х. Зоиров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ). Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2024. – №1-2 (122). – С. 28-36.

## II. Интишороти дигар:

**а) Маҷалла ва маҷмуаҳои илмӣ:**

[5. М]. Зоиров Х. Ҷойгоҳи воҳидҳои фразеологӣ дар осори мансури Ҳусайн Воизи Кошифӣ / Х. Зоиров // Садафи илм (маҷмуаи мақолаҳо). – Бохтар, 2023. – С. 79-84.

[6. М]. Зоиров Х. Вомвожаҳои осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ аз нигоҳи сохтор / Х. Зоиров // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Мавлоно ва ҷаҳони муосир». – Бохтар, 2023. – С. 181-187.

[7. М]. Ҳомидов Д., Зоиров Х. Воҳидҳои фразеологӣ бо ҷузъи арабӣ дар осори мансури Ҳусайн Воизи Кошифӣ / Х. Зоиров. // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Синпозиуми байналмилалии забон, адабиёт ва таърихи кишварҳои форсизабон». – Туркия, 2023. – С. 270-273.

[8. М]. Зоиров Х. Вомвожаҳои муродифӣ дар осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ / Х. Зоиров. // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Рушду таҳаввули жанри қасида дар адабиёти форсу тоҷик». – Бохтар, 2023. – С. 313 - 317.

[9. М]. Зоиров Х. Вомвожаҳои мансуби вожагони соҳавӣ дар осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ / Х. Зоиров // Сафинаи илм (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ-назариявӣ). – Бохтар, 2024. – С. 191 - 197.

Ҳангоми муҳокимаи диссертатсияи Зоирзода Холмурод Сафаралӣ дар баробари комёбиҳои зикргардида ба баъзе камбуду нуқсонҳои ҷузъӣ, аз ҷумла мавҷудияти ғалатҳои имлоиву техникӣ ва норасоӣ дар китобномаи диссертатсия ишора гардид. Бо дарназардошти эътирофи ин норасоиҳо ва бартараф намудани онҳо аз тарафи муаллифи диссертатсия маҷлиси васеи кафедраи забони тоҷикии ДДБ ба номи Носири Хусрав диссертатсияи мазкурро чун кори илмии мукаммал ва анҷомёфта эътироф менамояд.

Диссертатсияи Зоирзода Холмурод Сафаралӣ дар мавзуи «Баррасии маъноӣ ва сохтории вомвожаҳои осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ

(дар мисоли «Футувватномаи султонӣ», «Ахлоқи муҳсинӣ», «Рисолаи ҳотамия»)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01– Забони тоҷикӣ) тавсия дода мешавад.

Хулосаи мазкур дар маҷлиси васеи кафедраи забони тоҷикии МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» бо иштироки устодони кафедраву факултет ва 4 нафар докторони илмҳои филологии даъватшуда, ки 2 нафари онҳо аз муассисае, ки дар назди он шурои диссертатсионӣ амал мекунад, қабул гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 18 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 18 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Протоколи №2 аз 25-уми сентябри соли 2024.

**Раиси маҷлис:**
**мудири кафедраи забони тоҷикӣ,**
**номзади илмҳои филологӣ, дотсент:** **Назаров М.Н.**
**тел: +(992) 902 01 76 76**
**почтаи эл: nazarov.mekhrubon@list.ru**

**Котиби маҷлис:**
**номзади илмҳои филологӣ** **Раҳмонов М.Б.**

**Имзоҳои М.Н. Назаров ва М.Б. Раҳмоновро тасдиқ мекунам:**
**сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои**
**махсуси ДДБ ба номи Носири Хусрав:** **Исозода Т.И.**

**735140, вилояти Хатлон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**
**Тел. (+992 3222) 2-45-20, 2-22-53**
**E-mail: bqu-1978@mail.ru**